*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.***

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он таҷассум меёбад, ки дар замони муосир низоми бонкӣ ҳамчун унсури асосӣ ва бисёр муҳими зерсохтори иқтисодиёти ҳар як кишвар муаррифӣ мегардад. Амалӣ намудани пардохтҳо байни субъектҳои иқтисодии ватанию хориҷӣ, ҷамъ намудани воситаҳои пулӣ ва истифодаи онҳо дар сармоягузориҳо вазифаи калидии низоми бонкии дилхоҳ давлат ба шумор меравад. Барои амалӣ намудани масъалаҳои зикргардида, мавқеъ ва нақши асосиро бозори хизматрасонии бонкии устувор ва рушдёбанда дар заминаи баэътидолории хавфҳои эҳтимолӣ иҷро менамояд. Дар шароити имрӯзаи инкишофёбии соҳаҳои иқтисоди миллӣ хавфҳо ба кори самараноки низоми бонкӣ бештар таъсир мерасонанд. Махсусан дар замони имрӯза таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллӣ дида мешаванд, ки он дар тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳамчунин ба сифати сандуқи қарзии низоми бонкӣ зоҳир мегардад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масъалаҳои ҳалталаби Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои соҳавӣ мувофиқ буда, такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, пеш аз ҳама ба таъмини самаранокии фаъолияти бонкҳо ва дар баробари ин, ба таъмини устувории низоми бонкӣ асос меёбад.

Дар шароити имрӯза маҷмуи амалиёти қарзӣ бештари мавридҳо аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ роҳандозӣ мегарданд. Бо ин мақсад, фаъолияти бонкӣ соҳаи махсуси фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ҷалб ва ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озод, тақсими онҳо байни воҳидҳои тиҷоратӣ дар асоси пулакӣ, фаврӣ ва пардохтшаванда сурат мегирад. Принсипи асосии амалкунанда дар фаъолияти бонкҳо ин хоҳиши ба даст овардани даромади бештар мебошад, ки дар шароити кунунӣ дар амалиёти қарзии ин ташкилотҳо дида мешавад. Маҷмуи маблағгузориҳои қарзӣ ин маблағи қарзи додашуда ва уҳдадориҳои қарзии базиммадошта мебошад. Хавфи қарзӣ дар доираи сармоягузориҳои маҷмуии қарзӣ эҳтимолияти коҳиши арзиши қисми дороиҳо ё кам шудани даромаднокии воқеии қисми дороиҳои бонкро ифода мекунад.

Дар автореферат дуруст қайд мешавад, ки таҳаввулоти ташаккул ва рушди низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ пайдоиш, ташккул ва рушди низоми муносибатҳои қарзӣ ва низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ марҳилаҳои мухталифро фаро мегирад ва унвонҷӯй чунин муносибатро дар шакли ҷадвал дуруст ба низом оварда, пешниҳод кардааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки аз нигоҳи эҳтиёҷоти доимӣ ба захираҳои қарзӣ ҷиҳати таъмини манфиатҳои бонк ва истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ зарурати объективии таҳияи стратегияи идоракунии хавфҳои қарзӣ ба миён меояд. Ин меъёри дохилии бонкӣ як қисми сиёсати бонк буда, хусусияти инфиродӣ дорад. Сиёсати мазкур аз ҷониби ҳар як бонк мустақилона таҳия карда мешавад ва дар робита ба тағйирёбии шароити фаъолияти бонк тағйир дода мешавад ва дар идоракунии хавфҳои қарзӣ ҳамчун асос баромад менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, агар унвонҷӯй бар замми таҳлил ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ – сандуқи қарзӣ, амонатҳо (пасандозҳо) ва нишондиҳандаҳои ба онҳо алоқаманд (саҳ. 15-16), ба масъалаи таҳлили сохтории сандуқи қарзии низоми бонкӣ, яъне шумораи қарзгирандагон, қарзгирандагон аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, занҳо ва ғайра таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, ин ҳолат боз сифати таҳлилҳоро самараноктар арзёбӣ менамуд.

Новобаста ба эроди гирифташуда, автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодот асоснок мебошанд. Аз ин лиҳоз, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ мубрамият, таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо дар бар мегирад. Инчунин, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф арзиши илмию амалӣ дошта, асосҳои назариявию амалии низоми идоракунии хавфҳои қарзиро ифода менамояд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриздиҳанда:
н.и.и., сардори шуъбаи таҳлил
ва ҷалби маблағгузории
ФҚХ “Фонди бозтамвил” Ҷураев Б.М.

Дурустии имзои Ҷураев Б.М.-ро тасдиқ менамоям,
Котиби Раёсат Мирзоева С.Р.

Суроға: ФҚХ “Фонди бозтамвил”, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе, кучаи Истаравшан 18; Тел.: + (992) 433 777779; E-mail: office@rfund.tj